**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди**
**Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон**
**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30, www.rtsu.tj**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзуи “Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст**

Дар шароити имрӯза дараҷаи худтаъминии истеҳсолоти ватанӣ, яъне таъмини талаботи аҳолии ҷумҳурӣ бо молу маҳсулоти истеъмолии истеҳсолоти худӣ дар сатҳи начандон баланд қарор дорад. Аксари коршиносон роҳи ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдоштаро дар ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушд сармояи инсонӣ арзёбӣ менамоянд. Ҳамзамон қобили қайд аст, ки Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2021-2025), ки асоси рушди босурату устувори иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад, дар қатори дигар омилҳо аз истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ вобастагии калон дорад.

Муаллифи кори илмӣ дар натиҷаи таҳқиқоти бисёрсолаи худ ба чунин хулоса омадааст, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ сармояи инсонӣ ба таҳаввулоти комилан дигар фаро гирифта мешавад, ки натиҷаи таъсири равандҳои рақамикунонии низомҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад. Раванди мазкур хислати объективӣ дошта, новобаста аз дарки зарурати мутобиқ шудан ба қонуниятҳои он, идома дорад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, мутобиқ шудан ба хусусиятҳои асосии равандҳои рақамикунонӣ ба назар гирифтани талаботи он дар ҷараёни такрористеҳсоли сармояи инсонӣ амри ногузир ва воқеияти ғайри қобили инкор мебошад. Ҳар қадар, ки сармояи инсонии ташаккулёбанда (ба воя расида истода) ба талаботҳои рақамикунонӣ мутобиқати бештар пайдо намояд, ҳамон қадар боздеҳии сармоягузорӣ ба раванди мазкур тезтар ва самараноктар хоҳад шуд. Бояд қайд кард, ки таҳаввулоти сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар се ҷузъи асосии он, яъне таълим, ҳифзи саломатӣ ва ҳаракатпазирӣ бо такомули ниҳодҳои дахлдор алоқаманд мебошад. Аз ҷониби дигар таҳаввулоти сармояи инсонӣ ва такомули ниҳодҳои такрористеҳсоли он раванди аз ҳамдигар таъсирпазир ва ба ҳам алоқаманд мебошанд. Маҳз ҳалли ҳамин масъалаҳо дар доираи авто-

реферати илмии мазкур мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шудааст, ки фикр мекунем, яке аз мавзуи муҳим, рӯзмарра ва дар айни ҳол ҳалталаб ба ҳисоб меравад.

Дар баробари муваффақиятҳои муҳимми автореферат, ҳамзамон хубтар мешуд, агар муаллиф ба нуктаи зерин низ аҳаммият медод:

Як нукта, ки дар баъзе аз корҳои илмию таҳқиқотӣ бештару бештар истифода мешавад - ин истифодаи таҷрибаи кишварҳои рушдёбанда мебошад. Аз ин рӯ мазмун ва мундариҷаи автореферат боз ҳам бою ғанӣ мегардид, агар муаллиф дар бораи роҳҳои ташаккулёбии муҳити институтсионалӣ-инноватсионии сармояи инсонӣ ва истифодаи дастовардҳои он дар ҷумҳурии мо рақаму далелҳо оварда асоснок менамуд, ки мутаасифона айни ҳол ба назар намерасад.

Пешниҳоди мазкур хусусияти маслиҳатӣ дошта, мазмун, мундариҷа ва сатҳи илмии авторефератро паст карда наметавонад ва автореферати диссертатсияи номзадӣ, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо дар сатҳи даркорӣ асоснок гардидаанд.

Умуман, автореферат дар мавзуи “Ташаккули муҳити институтсионалӣ - инноватсионии рушди сармояи инсонӣ” аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Садиқова Шукрона Карчаевна арзандаи дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Муовини деректор оид ба илми Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Мирсаидов А.Б.**

Имзои д.и.и., профессор Мирсаидов А.Б.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Қурбонов Э.Т.

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айни, 44. Тел.: (99237) 221-67-50.
E-mail: chirad58@mail.ru; http:ied.tj.